**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
**Ректори Донишгоҳи миллии**
**Тоҷикистон д.и.х., профессор**
**Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин**
**аз “ 18 ” 11 соли 2025**

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Собирзода Шодмон Сулаймонжон дар мавзуи “Таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши комплекси агросаноатӣ (назария, методология ва амалия)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 -Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод шудааст.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Собирзода Шодмон Сулаймонжон дар мавзуи “Идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ (назария, методология ва амалия)”, дар заминаи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6) аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 -Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) таҳия шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳрист ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯй иихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мувофиқат мекунад: банди 3. «Коркарди усулҳо ва ҳалли вазифаҳои идоракунӣ, қабули қарорҳо дар роҳи гузариш ба зинаи индустриаливу аграрӣ ва рушди индустриалию инноватсионии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон»; банди 4. «Коркарди усулҳо ва воситаҳои самарабахши ҷалб ва истифодаи захираҳои моддӣ-техникӣ, табиӣ ва сармоягузорӣ дар ташкили равандҳои истеҳсолӣ»; банди 5. «Таҳрезӣ, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ, ҷорӣ намудани инноватсия дар раванди истеҳсолӣ, ташкили истеҳсоли маҳсулоти нав»; банди 7. «Коркарди усулҳо ва алгоритмҳои ҳалли вазифаҳои идоракунӣ ва қабули қарорҳо дар низомҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ»; банди 13. «Таҳияи усулҳо ва алгоритмҳои таҳлил ва синтези сохторҳои ташкилӣ

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар доираи амалисозии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, марҳалаи солҳои 2021–2025 ҳамчун марҳалаи рушди босуръат, ки ба ҷалби сармоягузориҳо такя мекунад, ба роҳ монда шудааст, “татбиқи максималии иқтидорҳои институтсионалии модели нави рушд ба даст омада, якбора зиёдшавии ҳаҷми сармоягузорӣ дар бахши воқеӣ ва инфрасохтор ҳамчун

заминаи асосӣ барои рушди иқтисодиёт мегардад. Афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳо тавассути ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва маблағҳои пасандозҳои дохилӣ ба даст меоянд". Истифодаи иқтидорҳои институтсионалии модели нави рушд ва ҷалби сармоягузорӣ дар бахши воқеии истеҳсолот, аз он ҷумла дар соҳаи муҳимми он - бахши аграрии иқтисодиёт, пеш аз ҳама аз мукаммалгардонии механизмҳои идоракунии ташаккулу истифодаи самараноки захираҳои сармоягузорӣ вобастагӣ дорад. Равонасозии чорабиниҳо ба рушди пояи моддиву техникии кишоварзӣ, ворид намудани технологияҳои навоварона, таъсиси ҷойҳои нави шуғл ва такмили ихтисоси захираҳои меҳнатӣ на танҳо заминаи афзоиши самаранокии меҳнатро фароҳам месозад, балки ба таҳкими сармояи инсонӣ ҳамчун унсури муҳимми рушди иҷтимоию иқтисодии устувор мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, фаъолсозии равандҳои сармоягузорӣ ба унсури калидии баланд бардоштани рақобатпазирии маҷмуи агросаноатӣ ва ноил гардидан ба рушди устувори иҷтимоию иқтисодии дарозмуддат табдил меёбад.

Дар роҳи рушди комплекси агросаноатии мамлакат як қатор муаммоҳо рӯйи майдон омаданд. Ҳиссаи маблағгузории давлатӣ дар сармояи асосии комплекси агросаноатӣ низ хеле паст буда, маблағҷудокунии буҷетӣ низ дар соҳаи кишоварзӣ хеле ночиз аст. Солҳои охир тамоюли афзоиши нархи захираҳои истеҳсолӣ, воситаҳои истеҳсоли кишоварзӣ нисбат ба нархи маҳсулоти кишоварзӣ мушоҳида мешавад, ки дар натиҷа маблағи онҳо ба соҳаҳои дигар ҷорӣ мегардад ва имконияти сармоягузориро паст менамояд. Истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар муқобили вазъи ҳокимии ташкилотҳои миёнаравӣ ва монополияи коркардкунандагон бефоида мондаанд. Шумораи хоҷагиҳои зараровар низ хеле зиёд буда, қарзи ҷамъшудаи ва уҳдадориҳои онҳо тамоюли болоравӣ гирифтааст. Бисёр корхонаҳои кишоварзӣ бо сабаби дар онҳо мавҷуд набудани менеҷменти самаранок, технологияҳои муосири кишоварзӣ ва кадрҳои баландихтисос аз имконияти иштирок дар равандҳои сармоягузорӣ маҳруманд. Дастгирии давлатӣ дар таъмин намудани маҷмуи агросаноатӣ бо захираҳои молиявӣ ва моддиву техникӣ ҳанӯз дар сатҳи хеле маҳдуд қарор дорад, ки ин барои рушди устувори соҳаи кишоварзӣ монеаҳои ҷиддӣ эҷод менамояд. Дар шароити камбуди саҳми давлат, субъектҳои хоҷагидор маҷбуранд ба таври назаррас ба захираҳои худ такя намуда, манбаъҳои алтернативии маблағгузориро мустақилона ҷустуҷӯ кунанд, ки ин метавонад ҷалби сармояи хусусӣ, грантҳои байналмилалӣ ва қарзҳоро дар бар гирад. Ҳалли ин муаммоҳо зарурати коркарди асосҳои назариявию методологии механизмҳои нави идоракунии фаъолияти сармоягузориро тақозо менамояд.

**3. Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия илман асоснок буда, мазмун ва моҳияти онҳо пурра аз таҳқиқ, таҳлил ва арзёбии масоили дар матни диссертатсия баррасишуда бармеоянд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро маълумоти аввалия, ки асоси онҳоро сарчашмаҳои оморӣ

ташкил медиҳанд, тасдиқ мекунанд. Ҳамчунин, муаллиф маълумоти субъектҳои хоҷагидориро аз минтақаи мавриди таҳқиқ баҳодиҳӣ намуда (маълумоти истифодашуда бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ тасдиқ гардидаанд), хулоса ва натиҷагирӣ кардааст. Маҳз ҳамин маълумотҳо ба муаллиф имкон додааст, ки оид ба идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комлекси агросаноатӣ ва такмилдиҳии сохтори он дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ фикру андешаҳо ва интишори мақолаҳои илмии худро илман асоснок намояд.

**4. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳия ва такмили равиши институтсионалӣ ба таҳлил ва арзёбии фаъолияти сармоягузорӣ, ҳамчунин дар таҳияи механизмҳои таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохторӣ барои идораи равандҳои сармоягузорӣ дар маҷмуи агросаноатӣ таҷассум меёбад. Ба натиҷаҳои асосии таҳқиқот, ки навгонии илмиро дар бар гирифтаанд, таалуқ доранд:

– аз нуқтаи назари равиши институтсионалӣ таҳлили равандҳои сармоягузорӣ дар шароити ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар иқтисоди аграрӣ асоснок карда шуд, вақте ки низоми куҳнаи дастгирии давлатӣ дар таъмини истеҳсолкунандагони кишоварзӣ бо захираҳои молиявӣ ва моддӣ барҳам дода шуда, системаи нави ба бозор равонагардида ҳанӯз ба сатҳи кофии ташаккул ва рушди функционалӣ нарасида буд; зарурати ташаккули механизми муассири дастгирии сармоягузорӣ дар бахши аграрӣ, ки трансформатсияи васеи сохтори институтсионалӣ, усулҳои хоҷагидорӣ, инчунин танзимгарони иқтисодию ҳуқуқӣ, технологӣ ва иттилоотиро дар бар мегирад, собит гардид. Ин тағйирот бояд бо воқеиятҳои иҷтимоию иқтисодии муосир мутобиқат карда, ба дастёбии ҳадафҳои калидӣ - таъмини амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзии миллӣ равона гардад;

– дар таҳқиқот муқаррароти мушаххасе, ки мазмуни категорияи «инфраструктураи институтсионалии фаъолияти сармоягузорӣ»-ро равшан менамояд, пешниҳод шуданд. Ин категория низоми ҳамбастагии институтҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ ва инчунин механизмҳои ташаккул, фаъолияти, рушд, ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории байни иштирокчиёни равандҳои сармоягузориро дар бар мегирад. Ин низом ба фаъолиятҳои сармоягузорӣ дар маҷмуи агросаноатӣ таъсири танзимкунанда ва таҳрикдиҳанда дорад. Инфраструктураи фаъолияти сармоягузорӣ дар ин замина маҷмуи унсурҳои махсусгардонидашудаи хизматрасон (созмонӣ, ҳуқуқӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ) мебошад, ки ба ҳаллу фасли муассири масъалаҳои пешомада дар раванди амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи аграрӣ равона шудааст;

– мафҳуми «лоиҳаи сармоягузории комплексӣ» дар гардиши илмӣ ҷорӣ карда шудааст, ки дар системаи инфрасохтори сармоягузорӣ имкон медиҳад бо истифода аз маблағҳои Фонди сармоягузорӣ барои татбиқи якчанд лоиҳаҳо метавонанд сармоягузории истеҳсоливу тиҷоратии

гуногунро дар комплеси агросноатӣ ва иқтисоди деҳот мусоидат намуда, инчунин мушкилоти ба ҳам алоқамандро ҳал кунанд;

– вобаста ба шароити тағйирёбандаи беруна зарурати такмили стандартҳои таҳияшуда, қоидаҳои муайяни таҳияву татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки барои пешгирӣ кардани вайронкунии муҳлати корҳо, сметаҳои ҳароҷот, накшаҳо ва шартномаҳо, нишондиҳандаҳои самаранокӣ (NPV, IRR, PI), хатарҳо ва ғайра, ки накши институтҳои идоракунии фаъолияти сармоягузориро ба иҷро мерасонанду барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳи фаъолияти сармоягузорӣ хизмат менамоянд, асосок карда шудааст;

– муайян карда шудааст, ки инфрасохтори сармоягузории дар бахши аграрии иқтисодиёти мамлакат ташаккулёфтаистода, дар сатҳи кофӣ самаранок намебошад, зеро аксарияти субъектҳои хоҷагидор, пеш аз ҳама шаклҳои миёнаву хурди хоҷагиҳо – хоҷагиҳои ёрирасонро фаро нагирифтааст ва бинобар он ин силсилаи истеҳсолкунандагони кишоварзӣ асосан дар муҳити ғайрирасмии институтсионалии иқтисодӣ дар доираи стратегияи зинда мондан қарор дошта, аз маблағи кофӣ, ҳавасмандии қаноатмандкунанда, механизми ташкилию иқтисодӣ ва идоракунии салоҳиятдор бенасиб мебошанд;

– дар асоси амалисозии методология ва принсипҳои назариявии таҳиякардаи муаллиф оид ба мукаммалгардонии таъминоти институтсионаливу инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ пешниҳоду тавсияҳо таҳия карда шуданд, ки моҳиятан он ба ҳамгироии фаъолияти иқтисодии корхонаҳои калону миёнаи кишоварзӣ ва хоҷагиҳои оилавии деҳот ба низоми бозорӣ тавассути ташаккули инфрасохтори сармоягузорӣ дар иқтисоди деҳот, ки шаклҳои андӯхту истифодабарии захираҳои сармоявии давлатӣ, хусусӣ ва кооперативиро дар бар мегиранд;

– зарурати ташкил кардани фонди минтақавии идоракунии сармоягузорӣ вобаста бо хусусиятҳои иқтисодиёти бахши аграрӣ дар КАС, ки вазифаҳои агентии кафолатӣ ва маркази иттилоотию иттиҳодияҳоро муттаҳид менамояд, асоснок карда шуда, самтҳои асосии фаъолияти ин фонд муқаррар қарда шудааст ва гайраҳо.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он**. Аз таҳлилу баррасии маводи диссертатсияи Собирзода Ш.С. натичагирӣ кардан мумкин аст, ки таҳқиқоти илмӣ дорои аҳамияти илмии назаррас буда, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия барои идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комлекси агросаноатӣ ҳамчун асосҳои амалӣ ва татбиқи хизмат карда метавонанд. Ҳамчунин, аҳамияти илмӣ-назариявии тадқиқот аз маҷмуи муқарраротӣ методологиву методие иборат аст, ки асосро барои мукаммалгардонии масъалаҳои таъминоти институтсионаливу инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ бо мақсади расидан ба ҳадафҳои афзалиятноки рушди индустриалии соҳаи таҳқиқшаванда ташкил медиҳанд. Аҳам-

мияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки қоидаҳои назариявии дар диссертатсия ҷойдошта, тавсияҳои таҳияшуда, хулосаҳои баёнгардида ва пешниҳодоти дар асоси онҳо омодашуда аз тарафи корхонаҳои комплекси агросаноатӣ дар низоми идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ, ҷараёнҳои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, зимни таҳияи барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуддати рушди иқтисодиёти аграрӣ, тасҳеҳи сиёсату стратегияи сармоягузорӣ, инчунин ташаккули иқлими мусоиди сармоягузорӣ нисбати хусусиятҳои истеҳсолоти кишоварзӣ метавонанд корбурд гарданд. Муносибатҳои илмии пешниҳодшуда ба такмили ташаккули босуръати низоми азхудкунӣ ва идоракунии сармоягузориҳо ҳам дар сатҳи минтақа ва ҳам бевосита дар худи ташкилотҳои кишоварзӣ мусоидат менамоянд. Муаллиф дар такмилдиҳии паст намудани хавфи таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, танзими даромаднокӣ ва таносуби хавфи барои ширкаткунандагони лоиҳа саҳмгузор буда, хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, мақолаҳои илмӣ тайёр намудааст.

**6. Саҳми шахсии довталаб.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст, ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои он. Муаллиф дар такмилдиҳии паст намудани хавфи таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, танзими даромаднокӣ ва таносуби хавфи барои ширкаткунандагони лоиҳа саҳмгузор буда, хулоса ва пешниҳодҳои илмиро ба даст оварда, мақолаҳои илмӣ тайёр намудааст.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 26 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 16,3 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 17 мақола дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиягардида ба нашр расидааст.

**8. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.**

**Мазмуни кори диссертатсионӣ. Дар муқаддима** муҳиммияти мавзуъ асоснок шуда, мақсад ва вазифаҳои кори илмӣ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот муайян гардида, навгониҳои илмии он таҳия шудаанд.

**Дар боби 1. – “Асосҳои назариявии таъминоти институтсионаливу инфрасохтории фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ”** муносибати институтсионалӣ доир ба таҳқиқи фаъолияти сармоягузорӣ, хусусиятҳои таъмини инфрасохториву институтсионалӣ, идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ, инчунин механизмҳои институтсионалии (ташкилӣ ва иқтисодии) идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар зербоби 1.1., ки ба муносибати институтсионалӣ доир ба таҳқиқи фаъолияти сармоягузорӣ бахшида шудааст муаллиф қайд

менамояд, ки дар шароити муосир аҳаммияти истифодаи методологияи институтсионалӣ барои таҳлили равандҳо ва фаъолияти сармоягузорӣ ба таври назаррас афзудааст. Ин методология дигар маҳдуд ба масъалаҳо ва усулҳои иқтисодӣ нест, балки ба равишҳо ва донишҳои гуногун, аз ҷумла сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, технологӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра низ такя мекунад. Иқтисодиёти нави институтсионалӣ, ки бар асоси принсипҳои назарияи неоклассикӣ таҳия шудааст, ба таҳлили тартиби ҷудогонаи ҳодисаҳо, истифодаи методологияи мукаммал, афзоиши самаранокии фоида, рафтори мантиқӣ ва маҳдудиятҳои агентҳои иқтисодӣ ва имкониятҳои онҳо равона шудааст. Ба ақидаи муаллиф, бо гузашти вақт объекти таҳқиқот низ тағйир меёбад, ки ба ҷои танҳо омӯзиши молҳо, ҳоло диққат ба муносибатҳои моликият – яъне ки молҳоро кӣ ва чӣ гуна соҳибӣ мекунад, дода мешавад; таҳлили фоида иваз шуда, ба таҳлили ҳуқуқ ба даромади боқимонда – яъне кӣ ва чӣ тавр фоида мегирад, равона мешавад; ба ҷои баррасии оддии тарзи истеҳсолот, ҳоло равандҳои мутақобилаи қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолиро бо назардошти институтҳо (қоидаҳо, ташкилотҳо, қонунҳо) таҳлил мекунанд; таҳлили зиддиятҳо акнун ба омӯзиши низоъҳо ва мунoқи-шаҳо, ки дар ҷомеа ё иқтисод рух медиҳанд, дахл дорад. Ҳамзамон муаллиф бомаврид қайд менамояд, ки асоси методологии иқтисоди нави институтсионалӣ ин назарияҳо буданд, ки нҳо ба таби мухтасар ба чунин тарз оварда шудаанд: назарияи ҳуқуқи моликият (ки муаллифонаш Роналд Коуз, Ричард Познер ва Стивен Пейович мебошанд), ки ба масъалаи ҳуқуқ ва моликият машғул аст; назарияи хароҷоти транзаксионӣ (Роналд Коуз ва Оливер Вильямсон), ки хароҷоти муомилаҳоро меомӯзад; шартномаи ратсионалии давлат, ки ба таъсис ва ҳифзи ҳуқуқҳои моликият рабт дорад (Ҷозеф Стиглиц ва Ҷон МакНейл); назарияи интихоби ҷамъиятӣ (Ҷеймс Бюкенен ва Гордон Туллок), ки дар бораи интихоби сиёсӣ ва равандҳои ҷамъиятӣ аст; иқтисоди конститутсионӣ (Вольфганг Ванберг), ки ба қонунгузорӣ ва меъёрҳои конститутсионӣ дахл дорад (с.31-32).

Дар зербоби 1.2., ки хусусиятҳои таъмини инфрасохториву институтсионалӣ идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ ном гирифтааст, муаллиф қайд менамояд, ки барои дар захираҳои худи сармоягузорӣ ва истеҳсолии субъектҳои хоҷагӣ зиёд кардани аҳаммияти ҳисоботи амортизатсия, ба фикри мо, аз нав дида баромадани меъёрҳои мавҷудаи амортизатсияро хеле тезонда, амалияи истифодаи усулҳои нави ҳисобкунии онро, махсусан васеъ кардан лозим аст. Иқтисодиёти мамлакат ба системаи иқтисодии ҷаҳонӣ ҳамгиро шуда истодааст ва муҳлатҳои баргардонидани сармояи гузошташуда зарур аст. Аз ин рӯ онҳое, ки дар кишварҳои пешрафта фаъолият мекунанд, бояд барои сармоягузорони хориҷӣ шароити баробари сармоягузорӣ фароҳам оваранд. Ба андешаи муаллиф, корхонаҳои кишоварзӣ ва саноатии кишвар (комплекси агросаноатӣ) имконият доранд, ки барои тақвияти ҷанбаҳои институтсионалӣ ва инфрасохтории фаъолияти

инноватсионӣ, чунин иқдомҳоро анҷом диҳанд: таҳияи стратегияи рушд: корхона бояд самтҳои асосии сармоягузориро мушаххас намояд, хароҷот ва манбаъҳои маблағгузориро ҳисоб кунад, натиҷаҳои молиявиро пешгӯӣ карда, муддати баргардонидани сармоя ва самаранокии онро баҳогузорӣ намояд; амалисозии тарҳҳо дар доираи сармоягузорӣ: барномаҳое, ки дар асоси сармоягузорӣ татбиқ мешаванд, бояд ба таври дақиқ иҷро ва идора карда шаванд. Дар ҳолати зарурӣ нақшаҳои қаблан таҳияшуда бояд бозбинӣ ва ислоҳ карда шаванд, то фаъолияти сармоягузорӣ ба ҳадафҳои худ ноил гардад (с.52).

Дар зербоби 1.3., ки ба "Механизмҳои институтсионалии (ташкилӣ ва иқтисодии) идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ" бахшида шудаанд, муаллиф бомаврид қайд менамояд, ки дар марҳалаи нави рушди комплекси агросаноатии мамлакат пайваста ба миён омадани тағйироти сифатӣ дар сохтори иқтисодиёти миллӣ ба муаммоҳои зиёди молиявию сармоягузорӣ вобаста ба мутобиқшавӣ ба шароити нав рӯбарӯ шуда истодаанд. Бе таҷдиди аслии базаи техникиву технологӣ ва ворид намудани технологияҳои нав, инчунин бе ислоҳоти саноатӣ дар соҳаҳои комплекси агросаноатӣ, ки бо мақсади баланд бардоштани самаранокӣ ва рақобатпазирии истеҳсолот равона шудаанд, пешрафт ғайриимкон аст. Механизми институтсионалӣ ҳамчун ҷузъи таркибии механизми ташкиливу иқтисодӣ, сохтор, тарзу методҳои фаъолияти мутақобила, шароити мусоиди амал ва дигар омилҳову унсурҳои институтсионалии муҳити дохилию берунӣ фаъолияти сармоягузориро дар комплекси агросаноатӣ муқаррар менамояд. Вазифаҳои механизмҳои институтсионалии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар КАС дар расми 1.2 муллиф бо чунин тарз оварда аст, ки вазифаҳои зеринро иҷро мекунанд: интегративӣ – ҳамгироии ҳамаи иштирокдорон дар муносибатҳои сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ (КАС) бо риояи меъёр ва қоидаҳои ягона; коркарди меъёр ва қоидаҳои нав – таҳия ё навсозии қоидаҳо ва талаботи қаблан амалкунанда барои мусоидат ба рафтори самарабахши фаъолияти сармоягузорӣ; регламентарӣ – ташкили равобити равшан байни иштирокдорон, ки номуайянӣ ва ношаффофиро дар сохтори механизмҳои ташкилӣ бартараф менамояд; таъминоти иттилоотӣ – ҷамъоварӣ ва паҳн кардани маълумот ба иштирокдорон ва субъектҳои КАС оид ба меъёрҳои нав ва натиҷаҳои сармоягузорӣ; назорат ва танзим – назорати иҷрои шартномаҳо ва танзими фаъолияти иштирокдорон, махсусан онҳое, ки рафтори оппортунистӣ доранд; таснифу тахассугардонии фаълолият – ҷудо кардани меъёрҳо ва мақоми иштирокдорони муносибати сармоягузорӣ ва институтҳову сохторҳои гуногуни КАС; координатсия – муайян ва ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои байни иштирокдорони муносибати сармоягузорӣ, субъектҳои мустақилу ёрирасони КАС (с.56-57).

Дар боби 2 " **Ҷанбаҳои методологии арзёбии самаранокии сармоя ва ҷанбаҳои институтсионалии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ**

**дар КАС”** масаъалаҳои илмӣ вобаста ба заминаҳои методологии идоракунии сармоя ва фаъолияти сармоягузорӣ, муносибатҳои методологии арзёбии ҷанбаҳои институтсионалии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ, инчунин шароити институтсионалии ташаккули ҷолибияту фазои сармоягузорӣ ва баҳодиҳии он дар комплекси агросаноатӣ баҳодиҳии он дар комплекси агросаноатӣ таҳқиқ шудаанд.

Дар зербоби 2.1., ки ба заминаҳои методологии идоракунии сармоя ва фаъолияти сармоягузорӣ бахшида шудааст, муаллиф қайд менамояд, ки барои идоракунии самаранок лозим аст механизмҳои зерин ташкил шаванд: а) ҳадафҳои возеҳи идоракунӣ; б) меъёрҳое, ки имкон медиҳанд сатҳи ноил шудан ба ҳадафҳоро чен кунанд; в) омилҳои идоракунӣ, ки унсурҳои объекти идоракунӣ ва робитаҳои байни онҳо дар бар мегиранд; г) усулҳо ва роҳҳои таъсиррасонӣ ба ин омилҳои идоракунӣ; д) захираҳои зарурӣ, аз қабили моддӣ, молиявӣ ва дигар, ки бо истифодаи онҳо усулҳои интихобшудаи идоракунӣ татбиқ ва ҳадафҳои муайяншуда таъмин мегарданд. Ба андешаи муаллиф, механизмҳои номбаршудаи умумии идоракунӣ ба идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ хос буда, вобаста ба ин раванди идоракунии сармоягузориро метавон ба панҷ марҳалаи зерин тақсим кард, ки онҳо ба таври мушаххас дар расми 2.2. (с.85)-и диссертатсия оварда шудааст.

Чи тавре, ки дар зербоби 2.2 оварда шудааст, умуман, ду равиш барои арзёбии самаранокии идоракунии сармоягузорӣ вуҷуд дорад – пулӣ ва захиравӣ. Бо усули пулӣ натиҷаҳо ва хароҷоти захираҳои сармоягузорӣ дар даромад (ворид) ва хароҷоти (хуруҷи) маблағҳо ифода карда мешаванд. Маҳз ҳамин равиш дар усулҳои муосири арзёбии фаъолият амалӣ карда мешавад. Дар баробари ин усулҳои баҳодиҳии самаранокӣ, ки дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ амал мекарданд, ба равиши дигар - равиши захиравӣ нигаронида шудаанд. Дар ин ҷо натиҷаҳои лоиҳа аз рӯйи маҳсулоти истеҳсолшуда, хароҷот - аз рӯйи ҳаҷми навъ-ҳои гуногуни захираҳои сарфшуда тавсиф карда шуданд. Аммо хароҷот ва натиҷаҳо бо пул баҳо дода шуда бошанд ҳам, онҳо ҳангоми истеҳсоли маҳсулот (иҷрои кор, хизматрасонӣ) гирифташуда ҳисоб карда мешу-данд ва хароҷот ҳангоми истеъмоли захираи дахлдор ба ҳисоб мерафт. Фосилаи вақти байни истеҳсол ва пардохти фурӯши маҳсулот ба ҳисоб гирифта нашуд.

Фарқи асосии байни равишҳои пулӣ ва захиравӣ дар он аст, ки лаҳзаи ҳисоби хароҷот ва натиҷаҳо мансуб мешаванд. Муносибати пулӣ дар адабиёт одатан бо истифодаи ба истилоҳ «усули кассавӣ» аз ҷониби муҳосибон алоқаманд аст, дар ҳоле ки равиши захиравӣ бо истифодаи «усули ҳисобкунӣ» алоқаманд аст. Аз ин нуқтаи назари «ҳисобгирии муҳосибӣ» ҳарду равиш аз рӯйи усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва фоида ва аз ин рӯ, аз рӯйи андоза ва тақсимоти онҳо бо мурури замон фарқ мекунанд (с.122).

Дар зербоби 2.3., ба шароити институтсионалии ташаккули ҷолибияту фазои сармоягузорӣ ва баҳодиҳии он дар комплекси агросаноатӣ бахшида шудааст. Ба андешаи муаллиф, ҳангоми арзёбӣ ва таҳлили хавфу хатарҳое, ки раванди таҷдиди заминаҳои моддӣ-техникии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ - бахусус дар соҳаи кишоварзӣ - дучор мешавад, метавон як қатор омилҳои таҳдидиро ҷудо намуд. Ин омилҳо чунинанд: зиёновар будани қисми зиёди корхонаҳои кишоварзӣ, ки монеа барои ҷалби сармоягузорӣ мешавад; сатҳи пасти даромаднокии истеҳсолоти кишоварзӣ, ки сармоягузоронро аз бахши мазкур дур месозад; хусусияти дарозмуддати сармоягузорӣ, ки талаб мекунад то муддати тулонӣ интизори бозгашти сармоя бошанд; ноустувории молиявии хоҷагиҳо, ки қобилияти онҳо барои ҷалб ва истифодаи самараноки сармояро коҳиш медиҳад; мавҷуд будани муносибати суст ва беэътиноии кормандон ва роҳбарияти хоҷагиҳои кишоварзӣ нисбат ба фаъолияти истеҳсолӣ ва мушкилоти захираҳои кадрӣ; фаъолияти ғайрикофии мақомоти маҳаллӣ дар самти таҳия ва татбиқи барномаҳои сармоягузорӣ; мавсимӣ будани даромади истеҳсолоти кишоварзӣ, ки боиси ноустувории гардиши молиявӣ мегардад; вобастагии шадиди истеҳсолот аз шароити табиӣ ва иқлим, ки хавфи баланди талафоти маҳсулотро ба вуҷуд меорад; норасоии асосҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар бахши суғуртаи истеҳсолоти кишоварзӣ, ки имкони коҳиши хавфро маҳдуд мекунад; мушкилоти ҷойдошта дар соҳаи қонунгузории замин, ки мавҷудияти ҳуқуқии истифода ва муомилоти заминро печида месозад; заиф будани низоми огоҳкунии пешакӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дар кишоварзӣ, ки хусусан дар шароити тағйирёбии иқлим ба мушкилоти ҷиддӣ мубаддал мегардад; ҷавобгӯ набудани низоми огоҳӣ ба муҳлат ва талаботи кишоварзии устувор, ки метавонад ба фаъолияти самарабахши соҳа халал расонад (с.137-138).

Дар боби 3. – **“Арзёбии ҳолати рушди соҳаҳои асосии комплекси агросаноатӣ ва тамоюли сармоягузорӣ ба онҳо дар шароити ислоҳоти институтсионалӣ”** гурӯҳи муаммоҳои илмӣ вобаста ба ислоҳоти институтсионалӣ ва тараққиёти истеҳсолоти агросаноатӣ таҳқиқ шуда ил ҳолати сармоягузорӣ ба рушди заминаи моддию техникии корхонаҳои кишоварзӣ таҳлил шуда тамоюлҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ муайян карда шудааст.

Дар зербоби 3.1. «Ислоҳоти институтсионалӣ ва тараққиёти истеҳсолоти агросаноатӣӣ» мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар ин зербоб масъалаҳои илмие, ки мавриди омӯзиш қарор мегиранд, аз давраҳои гузаштаи таръихӣ то замони муосир ҳамеша дар доираи назару андешаҳои шумораи хеле зиёди олимону пажӯҳишгарони илмҳои бахши аграрии иқтисодиёт қарор доранд. Ин аз муҳиммияти соҳаи кишоварзӣ, истеҳсолоти кишоварзӣ, ки аз рушди сатҳи сифати он ҳаёту рӯзгори мардум вобаста аст, гувоҳӣ медиҳад. Воқаен ҳам «истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, – навишта буд К.

Маркс, – шарти аввалини ҳаёти истеҳсолкунандагони бевосита ва умуман тамоми истеҳсолот мебошад». Аз нигоҳи муаллиф, муаммои озуқаворӣи мамлакат ва таъмини амнияти он муҳимтарин соҳаи фаъолияти давлатӣ ҳам мебошад. Агар дар доираи муносибати таърихӣ-мантиқӣ ба муаммои таъминоти мардум ба маҳсулоти озуқаворӣ назар кунем, пас дар охири солҳои 80-уми қарни гузашта сатҳи таъминот дар Иттиҳоди Шуравӣ ва аз ҷумла дар Тоҷикистон хеле баланд буд. Сифати маҳсулот ба стандартҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки хӯроки тиббӣ наздик мешуд. Дар он давра нигоҳ доштани сатҳи мувозинати талаботу пешниҳоди маҳсулоти озуқа ва такмил додани сохтори он (маҷмуи маҳсулоти озуқаворӣ) масъалаи ягона буд, ки барои ҳалли он тамоми институтҳои ҳокимяти давлатии ба соҳаи аграрӣ масъул, кӯшиш ба харҷ медоданд. Аммо, бо сабаби сифати давраи рушди соҳаҳои аграрӣ талабот ба бархе маҳсулотҳои дар дохил истеҳсолшаванда дар сатҳи зарурӣ қонеъ гардонда намешуд ва барои бартараф намудани он аз дигар кишварҳо ворид карда мешуд (с.151).

Дар зербоби 3.2. “Таъминоти институтсионалии идоракунии сармоягузорӣ ва арзёбии он дар самти рушди заминаҳои моддию техникии КАС” оварда шудааст. Дастгирии давлатии фаъолияти сармоягузории корхонаҳои кишоварзӣ ҷиҳати суръат бахшидан ба таҳаввулоти индустриалии кишоварзӣ бояд пеш аз ҳама ба таъсири системавӣ ва мақсадноки мақомоти давлатӣ ба таъмини рушди заминаи истеҳсолӣ ва моддию техникии субъектҳои хоҷагидор барои ба даст овардани самараи иқтисодии фаъолияти онҳо нигаронида шавад. Сатҳи рушди базаи техникӣ–технологии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ (КАС), ки аз маҷмуи унсурҳои техникӣ ва технологие, ки дар истеҳсол ва фурӯши маҳсулот фаъол мебошанд, иборат аст, сифати истеҳсолот ва рақобатпазирии онро муайян мекунад. Мафҳуми системаи техникӣ-технологии комплекси агросаноатӣ дар омӯзишу ҳамгироии ҷанбаҳои технологӣ ва техникии фаъолияти истеҳсоливу хоҷагидорӣ ифода меёбад. Ҷузъи технологӣ дар истеҳсоли кишоварзӣ аз чанд унсури асосӣ иборат аст, ки ба самаранокии раванди истеҳсолот таъсири калон доранд, ки гурӯҳи нишондаҳандаҳое, ки ба дараҷаи техникӣ ва технологии равандҳои истеҳсолот дар корхонаҳои кишоварзӣ баҳо медиҳанд дар расми 3.4 (с. 174-175) ба таври мушаххас оварда шуда, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар зербоби 3.3. Асосҳои институтсионалии тамоюлоти муосири идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Сармоягузорон пеш аз ҳама ба он соҳаҳое сармоягузорӣ мекунанд, ки даромади баланд медиҳанд ва ҳамзамон аз маблағи гузошташуда дар як муддати кӯтоҳ фоида ба даст меоранд, аммо ҳоло кишоварзӣ яке аз соҳаҳои камдаромад маҳсуб мешавад. Яке аз роҳҳои раҳоӣ аз мушкилот ҷалби сармоягузорон барои рушди соҳаи кишоварзии кишвар мебошад. Дар шароити маҳдуд будани имкониятҳои сармоягузорӣ сармоягузорон ба минтақаҳое меравад, ки

барои тараққиёти истеҳсолоти кишоварзӣ имкониятҳои калон вуҷуд доранд. Ба андешаи муаллиф, арзёбии умумии чунин иқтидорҳоро аз рӯйи минтақаҳои ҷумҳурӣ дар асоси системаи нишондиҳандаҳои зерин муайян кардан мумкин аст: масоҳати умумии заминҳои кишоварзӣ; майдони замини корам; майдони кишти зироатҳои кишоварзӣ; ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳои амалкунанда; индекси ҳаҷми воқеии маҳсулоти растанипарварӣ; индекси ҳаҷми физикии маҳсулоти чорводорӣ; шумораи аҳолӣ дар минтақа ва деҳот; қобилияти энергетикӣ ё неруи истеҳсолӣ ба ҳар 100 гектар майдони кишт; ҷамъоварии умумии зироати асосӣ, мисол, пахтаи хом (с.203-204).

Дар боби 4. – “**Ҳолати муосири ташаккули рушди заминаҳои институтсионалию инфрасохтории системаи идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ**” механизмҳои институтсионалии идоракунии равандҳои сармоягузорӣ пайваста бо заминҳои кишоварзӣ, тарзу услуби муайян намудани талаботи сармоягузорӣ ва таъминоти институтсионалии дастгирии давлатии сармоягузорӣ, инчунин механизмҳои ифрасохториву институтсионалии ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ба технологияҳои инноватсионӣ дар комплекси агросаноатӣ таҳқиқ шудаанд.

Дар зербоби 4.1., ки сухан сари масъалаҳои механизмҳои институтсионалии идоракунии равандҳои сармоягузорӣ пайваста бо заминҳои кишоварзӣ меравад, муаллиф аз он ҷумла қайд менамояд, ки гузаштан ба системаи иқтисодии бозорӣ ва ташаккули механизмҳои бозории муносибатҳои замин дар ҷумҳурӣ ба сармоягардии он имконият фароҳам овард. Сармоягузорон ба вазъи иқтидори сармоягузории ҳудудҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд ва одатан онҳо чунин иқтидори сармоягузориҳои ҷузъиро ба мисли меҳнат, инфрасохтор, захираҳои табиӣ ва ғайра арзёбӣ мекунанд. Аксари ҷузъҳои иқтидори сармоягузорӣ бо захираҳои замин - заминҳои кишоварзӣ алоқаманданд. Ба андешаи муаллиф, барои ҳалли ин масъала аз лиҳози методологӣ зарур аст, ки паҳлуҳои гуногуни он омӯзиш ва таҳлил карда шаванд, аз ҷумла: таҳлили мутамарказшавии захираҳои замин дар сатҳи минтақаҳои кишвар ва минтақаҳои дохили он, инчунин тақсимоти заминҳо ва категорияҳои сифати онҳо; омӯзиши сохти заминҳои ҳар ноҳия, ҷамоат ва субъектҳои маъмурӣ; баррасии хатари лоиҳаҳои амалишаванда аз нигоҳи сармоягузорӣ ба захираҳои замин (с. 229).

Дар зербоби 4.2. муайян намудани талаботи сармоягузорӣ ва таъминоти институтсионалии дастгирии давлатии сармоягузорӣ оварда шудааст. Муаллиф бомаврид қайд менамояд, ки новобаста аз давраҳои рушди сиклӣ рушди корхонаҳо бидуни ҷалби сармоя маблағ аз манбаъҳои гуногун, махсусан ҷалби сармояи қарзии дарозмуддат ва миёнамуддат имконнопазир аст. Дар ин ҷо, пеш аз ҳама мақсади асосӣ муайян кардани эҳтиёҷ ба захираҳои сармоягузорӣ ва пайдо кардани манбаъҳои онҳо мебошад, ки барои ин истифодаи муносибатҳои методологӣ ва усулҳои банақшагирии молиявӣ дар назар гирифта

мешавад. Ба андешаи муаллиф, методологияи банақшагирии молиявиро, ки дар зер пешниҳод мешавад ӯ дар корхонаҳои кишоварзии ноҳияи Ҷ.Балхии вилояти Хатлон таҷриба намуда ӯ қайд менамояд, ки ба ин мақсад гирд овардан ва истифодаи иттилоот ва ё нишондиҳандаҳои зерини дарозмуддат (8–10 сол) ҳамчун маълумоти ибтидоӣ хизмат мекунанд: даромад аз фурӯши маҳсулот, иҷрои корҳо, хизматрасонӣ; қимати маҳсулоти фурӯхташуда; дар аввал ва охири сол мавҷуд будани фондҳои асосӣ; шохиси нархҳои истеъмолӣ; шохиси нархҳои фурӯши маҳсулоти аграрӣ (с.236-237).

Дар зербоби 4.3, ки сухан сари масъалаҳои механизмҳои инфрасохториву институтсионалии ҳавасмандгардонии сармоягузориҳои инноватсионӣ дар КАС меравад муаллиф бомаврид қайд менамояд, ки дар Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 (Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 № 144 тасдиқ шудааст), таъкид шудааст, ки «дар шароити имрӯза сиёсати давлатӣ оид ба таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ба рушди соҳаи кишоварзӣ, на танҳо дар шакли ашё, балки то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, ки бевосита ба истеъмолкунанда мерасад, равона шудааст”, ки ба механизмҳои зерини молиявию иқтисодии татбиқи сиёсати инноватсиониро дар КАС пешбинӣ менамояд: истифодаи маблағгузории такрории таҳияи илмию техникӣ, инчунин кумакҳои давлатӣ, субсидия ва грантҳо; дастгирии барномаҳои байниминтақавии технологияҳои баланди инноватсионӣ; ҳавасманд намудани сармоягузорон; инкишоф додани лизинги технологияҳои илмӣ ва таҷҳизоти нодир; дастгирии фаъолияти патентҳо ва ихтироотҳо, мусоидат намудан барои ҳимояи моликияти зеҳнӣ; пешниҳод намудани ҳаҷми маблағгузорҳо ва соҳибкории хурди инноватсионӣ ҳангоми эълон намудани озмоиш барои татбиқи лоиҳои илмию техникӣ ва инноватсионӣ» (с. 262).

Дар боби 5. - “**Роҳҳои асосии такмил додани механизмҳои институт-сионалӣ ва инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ**” самтҳои асосии такмили сохтор, вазифаҳо ва дастгирии институтсионалии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ, инчунин асосҳои консептуалии ислоҳоти бахши аграрӣ дар самти баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ асоснок карда шудааст.

Дар зербоби 5.1., ки ба такмили сохтор, вазифаҳо ва дастгирии институтсионалии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ бахшида шудааст муаллиф қайд менамояд, ки инфрасохтори сармоягузориро метавон ба ҷузъҳои сохтории зерин тақсим кард: *қисми аввал* – ин ҳавасмандкуниест, ки ба омилҳо ва механизмҳо дахл дорад, ки барои таъмин намудани ҳамоҳангӣ ва ҳамкории самараноки равандҳои сармоягузорӣ бо муҳити атроф истифода мешаванд. Ин бахш хусусиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад ва таҳқиқи он ба муайян кардани гурӯҳҳо, ҳадафҳои ҷузъӣ, инчунин манфиатҳо ва интизориҳои сармоягузорон равона гардидааст. Ҳавасмандкунӣ асоси

интихоб ва истифодаи манбаъҳои сармоягузорӣ барои лоиҳаҳо мебошад; *қисми дуюм* - таъминоти захираҳо мебошад, ки намудҳои гуногуни захираҳои зарурӣ барои сармоягузорӣ, манбаъҳои эҳтимолии онҳо ва усулҳои ҷамъоварии ин захираҳоро дар бар мегирад; қисми сеюм - дастгирии ҳуқуқӣ ва методӣ, ки заминаи институтсионалии танзими фаъолияти сармоягузориро муайян мекунад ва *қисми чорум* - таъминот ва ё дастгирии ташкилӣ, ки ба созмони сохторҳои ташкилӣ, ки фаъолият ва равандҳои сармоягузориро барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда мусоидат мекунанд, равона карда шудааст (с.281).

Дар зербоби 5.2. Асосҳои консептуалии марҳалаи муосири ислоҳоти низоми комплекси агросаноатӣ ва бахши сармоягузории он, аз он ҷумла қайд менамояд, ки дар иқтисодиёти КАС бисёр муассисаҳои гуногун мавҷуданд, ки низомии муназзами ба ҳам алоқамандро ташкил медиҳанд ва дар зери таъсири омилҳое, ки тақсимбандии ниҳодҳоро бартараф мекунанд, васеъ мешаванд. Аз нигоҳи муаллиф, омилҳои асосӣ аз инҳо иборатанд: диверсификатсия ва амиқгардонии ихтисоси иштирокчиён - яъне ҳар як иштироккунанда ба кори махсуси худ тамаркуз мекунад, ки ин ба рушди институтҳо ва беҳтар кардани тақсимоти меҳнат кумак мерасонад; тағйироти сохторӣ дар комплекси агросаноатӣ, ки дар натиҷаи ислоҳот ба амал меоянд - ин метавонад таъсиси муассисаҳои нав ё такмил додани фаъолияти муассисаҳои мавҷуда бошад; миқёси фаъолият - рушди ҳамкорӣ байни соҳаҳои гуногун, мубодилаи захираҳои иқтисодӣ ва тақвияти алоқамандӣ байни аъзои иттиҳодияҳо мебошад (с.302).

**Дар хулоса** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи мутобиқат ба ҳадаф ва вазифаҳои гузоштешуда хулосабандӣ карда шудаанд.

**9. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Маводи интишорнамудаи муаллиф, нуқтаҳои асосӣ, навгониҳо, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷой дош-таро дар худ инъикос намудаанд. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 26 мақо-лаи илмӣ дар ҳаҷми 16,3 ҷузъи ҷопӣ, аз ҷумла 17 мақола дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестасионии назди Прези-денти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиягардида ба нашр расидааст.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Ко-миссия.** Диссертатсияи Собирзода Шодмон Сулаймонжон ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) (минбаъд-Тартиб) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқи-қот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқикот, нуқтаҳои ба ҳимоя

пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия аз 31 марти соли 2022, № 3) таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд.

**11. Мутобиқати тахассуси довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии Собирзода Шодмон Сулаймонжон Собирзода Шодмон Сулаймонжон ба ихтисоси илмии дархостшаванда 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мувофиқат мекунад.

Дар баробари бартариятҳо, ҳамзамон баъзе пешниҳодҳо барои боз ҳам хубтару беҳтар намудани сатҳ ва сифати диссертатсия баррасӣ карда мешавад, ки миёни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар зербоби 1.1.-и боби якум, муносибати институтсионалӣ доир ба таҳқиқи фаъолияти сармоягузорӣ оварда шуда, мактабҳои мухталифи илмӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор додаст. Аз ин ҷост, ки хубтару беҳтар мебуд, агар муаллиф ҳамин мактабҳои илмиро дар шакли расм ва ё схема оварда, баъдан ҳар як кадоми онҳоро бо назардошти хусусияти хоси онҳо мавриди таҳлил қарор медод.

2. Чи тавре, ки маълум аст зербоби 2.3. ба шароити институтсионалии ташаккули ҷолибияту фазои сармоягузорӣ ва баҳодиҳии он дар комплекси агросаноатӣ бахшида шудааст. Аз нигоҳи мо мазмун ва мундариҷаи зербоб ранги дигар мегирифт, агар муаллиф дар қатори дигар сарчашмаҳои сармоягузорӣ ҳамзамон ба фаъолгардонии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ низ диққат медод. Мо чунин меҳисобем, ки фаъолгардонии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ низ яке аз омили асосии ба рушди соҳаҳои КАС мусоидаткунанда ба ҳисоб меравад.

3. Чи тавре, ки аз номгузорӣ ва муҳтавои зербоби 3.2. бармеояд, он ба таъминоти институтсионалии идоракунии сармоягузорӣ ва арзёбии он дар самти рушди заминаҳои моддию техникии КАС бахшида шудааст. Мазмун ва мундариҷаи зербоб ранги дигар мегирифт, агар муаллиф дар қатори дигар нишондиҳандаҳо ҳамзамон ба нишондиҳандаҳои арзишии арзёбии сармоягузорӣ аз қабили даромад, даромади умумӣ, даромади соф, фоида, дараҷаи даромаднокӣ, муҳлати худхаридии маблағ, ~~лаг~~, боздеҳи фонд такя намуда якчанд ҷадвалҳои хусусияти аналитикӣ дошта таҳия ва пешниҳод менамуд.

4. Мувофиқи мазмун ва мундариҷаи зербоби 4.3., он бояд ба механизмҳои ифрасохториву институтсионалии ҳавасмандгардонии сармоя-

гузориҳои инноватсионӣ бахшида шуда, дар он механизмҳои гуногуни инфрасохториву институтсионалии ҳавасмандгардонии сармоягузориҳои инноватсионӣ дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ин ҷост, ки мазмуни зербоб ранги дигар мегирифт, агар муаллиф дар қатори дигар механизмҳо, ҳамзамон ба механизмҳо ва фишангҳои танзими давлатии комплекси агросаноатӣ ба мисли сиёсати буҷет, молиявӣ-қарздиҳӣ, имтиёзҳои андоз, имтиёзҳои боҷҳои гумрукӣ барои воридоткунандагони воситаҳо ва техникаҳои кишоварзии муосир ва инноватсионӣ ва ҳамсоли онҳо аҳамият дода дар зербоби мазкур онҳоро мавриди таҳлил қарор медод.

5. Чӣ тавре, ки маълум аст дар зербоби ҷамъбастӣ, яъне 5.2. муаллиф асосҳои консептуалии марҳалаи муосири ислоҳоти низоми комплекси агросаноатӣ ва бахши сармоягузории онро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Ба андешаи мо мазмуну ва муҳтавои зербоб ва умуман боб ранги дигар мегирифт, агар муаллиф асосҳои консептуалии марҳалаи муосири ислоҳоти низоми комплекси агросаноатӣ ва бахши сармоягузориро дар намуди расм ва ё схема инъикос менамуд. Баъдан хубтар мешуд, агар муаллиф зина ба зина ба шарҳи ҳар як кадоми онҳо, ки пеш аз ҳама ба роҳҳои такмил додани механизмҳои институтсионалӣ ва инфрасохтори фаъолияти сармоягузорӣ дар КАС бахшида шудааст, шуруъ менамуд.

6. Хубтару беҳтар мебуд, агар муаллиф дар боби панҷум, ки ҳамчун боби натиҷадиҳанда ва ҷамъбастӣ мебошад, дар қатори дигар омилҳои ба такмил додани механизмҳои институтсионалӣ ва инфрасохтори фаъолияти сармоягузорӣ таъсиррасон, ҳамзамон фикру пешниҳодҳои мушаххас оид ба фаъолгардони ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ба ташкил ва рушди маҷмаъаҳо (комплексҳо) ва кластерҳои агросаноатӣ дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ пешниҳод менамуд, метавонист боз ҳам мазмуну мундариҷаи диссертатсияро бою ғанӣ гардонад.

Эрод ва пешниҳодҳои баррасишуда хусусияти тавсиявӣ дошта, сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳад. Дар маҷмуъ диссертатсия таҳқиқоти баитмомрасидаи илмӣ буда, мустақилияти муаллифро дар ҳалли масъалаҳо ва пешниҳодҳо оид ба таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси агросаноатӣ нишон медиҳад.

**12. Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.** Қобили қайд аст, ки диссертатсияи Собирзода Шодмон Сулаймонжон дар мавзуи " Таъминоти институтсионалӣ ва инфрасохтории идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши комлекси агросаноатӣ (назария, методо-логия ва амалия)" таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботҳои

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад. Муаллифи диссертатсия Собирзода Ш.С. сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз аз рӯйи ихтисоси ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи 08.00.06 –Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 -Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқарраroти бандҳои 76-79 ва 81 тартиб додани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30.06.2021 июни соли 2021, №267 таҳия гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Собирзода Шодмон Сулаймонжон дар мавзуи “Таъмини идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар бахши комлекси агросаноатӣ (назария, методология ва амалия)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самт-ҳои фаъолият (08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) **пешниҳод шудааст, дар ҷаласаи “Кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ”-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (протоколи №4 аз 15.11.2025) баррасӣ ва муҳокима гардидааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд: 8 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ 8 нафар, Зид – нест, Бетараф – Нест.**

Раиси ҷаласа

Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ Сафарзода Н.У.

Ташхисгар:

д.и.и., п91рофессор, мудири кафедраи
иқтисоди иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодии
факултети иқтисод ва идораи ДМТ Раҳимзода Ҳ.Р.

Котиби ҷаласа

Номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони
кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ Сафаров А.Ҳ.

Имзо Раҳимзода Ҳ.Р., Сафарзода Н.У., Сафаров АҲ.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Сурога: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 17,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел: (+992) 221-78-11